Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

**Дар хусуси тасдиқ намудани Қарори Шӯрои сарони ҳукуматҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи Консепсияи ташаккули базаҳои иттилоотии миллӣ ва ташкили мубодилаи байнидавлатии иттилоот оид ба огоҳ кардан ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қарори Шӯрои сарони ҳукуматҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи Консепсияи ташаккули базаҳои иттилоотии миллӣ ва ташкили мубодилаи байнидавлатии иттилоот оид ба огоҳ кардан ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ, ки аз ҷониби Шӯрои сарони ҳукуматҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар шаҳри Душанбе 25 майи соли 2006 маъқул дониста шудааст, тасдиқ карда шавад.

2. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ҷиҳати амалӣ намудани Қарори мазкур тадбирҳои зарурӣ андешад.

3. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарраргардида Кумитаи иҷроияи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақилро дар бораи аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатие, ки барои эътибор пайдо кардани Қарори мазкур заруранд, огоҳ намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 3 марти соли 2007 № 94
ш. Душанбе